АГЕНТИИ СУҒУРТАИ ИҶТИМОӢ ВА НАФАҚАИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734013**. ш. Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ 24 тел./факс (372) 223-00-26,227-01-56 суратҳисоби 20204972300003101000, ОПЕРУ ҶТ Амонатбонк, ш Душанбе, МФО 350101626 www. nafaka.tj, e-mail: info@nafaka.tj**

№1/13-1536 аз 3 11 соли 2026

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ
ва идораи амволи давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтиромона ба маълумоти Шумо мерасонад, ки байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёи Рушд Созишномаи молиявӣ оид ба татбиқи лоиҳаи «Навсозӣ ва рақамикунонии низоми суғуртаи иҷтимоӣ» ба имзо расидааст, ки Агентӣ мақоми иҷроияи лоиҳаи мазкур ба ҳисоб меравад.

Дар доираи лоиҳаи мазкур Гурӯҳи татбиқи лоиҳа таъсис дода шудааст, ки ҷиҳати ҷалби мутахассисони касбӣ ба вазифаҳои дахлдор раванди қабули кормандонро оғоз намудааст.

Ҷиҳати ҷойгир намудани эълони озмун барои қабули мутахассисон дар сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидати Шуморо эҳтиромона хоҳишмандем.

Замима: Матни эълон дар ҳаҷми 2 саҳифа.

Бо эҳтиром,
Директор Ҳалимзод А.Д.

Бо имзои электронии рақамии низом тасдиқ шудааст. Рамзи Ҳуҷҷат: UP10355534

Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қабули мутахассисон оид ба лоиҳаи «Навсозӣ ва рақамикунонии низоми суғуртаи иҷтимоӣ» озмун эълон менамояд

Ҷадвали воҳидҳои кории Агентии татбиққунандаи лоиҳа (ГАП)

р/т	Номгӯи вазифа
1.	Менеҷери лоиҳа
2.	Мутахассиси молия
3.	Сармуҳосиб
4.	Мутахассис оид ба харид
5.	Мутахассис оид ба масъалаҳои гендерӣ
6.	Мутахассис оид ба мониторинг ва арзёбӣ
7.	Менеҷери офис

Музди меҳнат: дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2026, №386.

Талаботи тахассусӣ барои қабули мутахассисон:

- Доштани маълумоти олии касбӣ дар соҳаи молия, ба ҳисобгирии муҳосибӣ ё иқтисод.
- Ҳадди ақал 3 сол собиқаи кории касбӣ дар сохаи дахлдор.
- Ҳадди ақал 1 сол таҷрибаи корӣ дар лоиҳаҳои байналмилалӣ (Бонки ҷаҳонӣ, Бонки осиёии рушд, Бонки исломии рушд, YSAID, Барномаи Рушди Созмони Миллаи Муттаҳид)
- Таҷрибаи бомуваффақияти иштирок дар лоиҳаҳои сармоягузорӣ бартарӣ ба ҳисоб меравад, аз ҷумла лоиҳаҳои Бонки осиёии рушд ва Бонки Ҷаҳонӣ.
- Дониши ҳамаҷонибаи барномаи компютерии «1С: Предприятие».
- Донистани хуби забонҳои русӣ ва тоҷикӣ (шифоӣ ва хаттӣ). Инчунин донистани забони Англисӣ дар сатҳи корӣ (шифоӣ ва хаттӣ) талаб карда мешавад.
- Истифодабарандаи хуби барномапҳои MS Office, почтаи электронӣ ва интернет будан.
- Доштани малакаҳои хуби ташкилотчигӣ ва муошират дар тамоми сатҳҳо, махсусан малакаи таҳияи мактубҳо ва кор бо почтаи электронӣ.
- Қобилияти кор кардан дар шароити фишори равонӣ, муносибати хуб бо мизоҷон ва доштани тафаккули таҳлилӣ.

- Омодагӣ барои сафар кардан ба объектҳои лоиҳа дар ҳолати зарурӣ (баъзан ба минтақаҳои дурдаст).

Довталабон барои иштирок дар озмун, бояд ҳуҷҷатҳои зеринро ба Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Агентӣ пешниҳод намоянд:

- маълумотнома (объективка)
- нусхаи шиноснома;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона акси андозаи 4х6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотнома оид ба надоштани доғи судӣ;
- маълумотномаи тиббӣ (038 УЕ);

Эзоҳ: Ариза ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда барои иштирок дар озмун аз рӯзи нашри эълони озмуни мазкур дар рӯзномаи расмӣ ба муҳлати 10 рӯз, аз ҷониби Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Агентӣ қабул карда мешавад.

Суроға: Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ 24, ошёнаи якум, Сомона: www. nafaka.tj ; e-mail info@nafaka.tj; тел: барои тамос 227-03-52

Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус